# ХУЛОСАИ

## шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 04 апрели соли 2026, №95**

**Дар бораи сазовор донистани Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ санаи 24-уми январи соли 2026, №90 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод 06-уми марти соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2013 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмилалӣ дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст. Аз соли 2020 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти илмию омӯзгорӣ дорад.

Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2024, №4/1 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷидзода – д.и.ҳ., профессор мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– Алимов Суробшо Юсуфшоевич – профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия;

– Мирзозода Шаҳриёр Мунавар – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири бахши умумии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Каримзода У.К. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, (5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ Қодирзода Ғ.Н. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва котиби ҷаласа Қурбонзода Ҷ.Ғ. сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.Р., аз санаи 10 марти соли 2026 тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳлил паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шуданд. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниходҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи дигар дар нашриёҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Зоир, Ҷ.М. Зуҳурзода Ш.Д. Сиёсати ҳуқуқии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун мактаби умумиҷаҳонии сулҳ [Матн] / Ҷ.М. Зоир, Ш.Д. Зуҳурзода // Идракунии давлатӣ. – 2021. – №4/1 (53). – С. 111-124; ISSN 2664-0651.

[2–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Тақвияти мақоми пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №2. – С.141-149; ISSN 2305-0535.

[3–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Динамика законодательного обеспечения суверенитета государств на постсоветском пространстве: (опыт Таджикистана) [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №2 (62). – С. 196-205; ISSN 2664-0651.

[4–М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Асосҳои ҳуқуқи конститутсиони бунёди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Давлатшиноси ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 127-135; ISSN 2414 9217.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашриёҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

[5-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Мақоми пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маводи Конференсияи илмӣ – назариявӣ ҷумҳуриявӣ Нақши конститутсия дар рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 105-109.

[6-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Нақши Пешвои миллат, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҶТ, [Матн] / Ш.Д. Зуҳурзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия дар АИДНПҶТ. – (Душанбе, 3 декабри соли 2022. – С.211-220).

[7-М]. Зуҳурзода, Ш.Д. Правовая природа парламентаризм Таджикистана в условиях государственной независимости // [Текст] / Ш.Д. Зуҳурзода // Маводи конференсияи илмӣ - назариявӣ Конституция – основа развития эффективной системы государственного управления. – Душанбе, 2023. – С. 129-135.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Наимзода Б.Ғ.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Абдуллоева Д.Ф.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ.

**Холиқов Н.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар автореферат асосан таҷрибаи миллӣ баррасӣ гардидааст, аммо муқоисаи таҷрибаи Тоҷикистон бо кишварҳои дигар (масалан, давлатҳое, ки дорои мақоми махсуси сарвар ё институти монанд мебошанд) хеле маҳдуд аст. Таҳлили муқоисавӣ метавонист асоснокии назариявии хулосаҳо ва универсалӣ будани онҳоро тақвият бахшад.

2. Дар хулоса (масалан, бандҳои 3–6) ба тавсифи нақши таърихии Пешвои миллат бештар таваҷҷуҳ дода шудааст, вале хулосаи назариявӣ дар бораи табиати ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофарона ба таври возеҳ ҷамъбаст нашудааст.

3. Пешниҳодҳои амалӣ, ки ба такмили қонунгузорӣ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофарона равона шудаанд, метавонанд бо асоснокии муфассалтари механизми татбиқи онҳо боз ҳам мушаххастар гарданд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ  масъалаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқи

ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таҳлил намудааст;

– **пешниҳод шудааст:** раванди таъмини сулҳу субот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз марҳалаҳои мураккаб ва ҳалкунандаи таърихи навини кишвар маҳсуб мешавад. Оғози воқеии ин раванд ба Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, ки дар он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб гардид. Изҳороти «Ман ба Шумо сулҳ меоварам»-и ӯ ҳамчун рамзи сиёсати нави сулҳофаринӣ ва барқарорсозии давлатдорӣ пазируфта шуд.

– **исбот шудааст:** Бо дарназардошти ҳоҷати танзими дақиқтари муносибатҳои ҳуқуқӣ, мақсаднок арзёбӣ мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амнияти Пешвои миллат» қабул карда шавад. Пешвои миллат, ки кафили риояи Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва таъминкунандаи истиқлол, ваҳдат ва тамомияти арзии кишвар мебошад, дар барқарор ва мустаҳкам намудани фаъолияти ҳамоҳангшудаи шохаҳои ҳокимият нақши муҳим мебозад ва амнияти давлат, ҷомеа ва инсонро таъмин месозад;

– **ҷорӣ намудан:** бо дарназардошти зарурати такмили қонунгузорӣ пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни конститутсионии ҶТ, «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» мазмуни зерин ворид карда шаванд:

- дар банди 3 моддаи 1: «меъёрҳои овардашуда ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, татбиқ намешавад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводи диссертатсия доираи фаҳмиши илмии танзими ҳуқуқӣ - конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки роҳҳои асосии танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ муайян кард.

Нуқтаҳо ва пешниҳодоте, ки дар диссертатсия пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионӣ», ва ғайра истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд.

Масъалаҳое, ки дар ин диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ва дар пажуҳишҳои олимони ватанӣ таҷассум ёфтаанд, бо вуҷуди ин, самту равияҳои зиёде ҳастанд, ки ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷониба доранд.

– **баён шудани** он ки пас аз пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тоза истиқлолияти давлатии худро эълон намуда буд, ба майдони рақобатҳои геополитикии қудратҳои хориҷӣ табдил ёфт. Баъзе аз ин неруҳо тавассути гурӯҳҳои мазҳабию сиёсӣ ният доштанд, ки дар кишвар режими исломии ифротӣ барпо намоянд ва бо ин васила амнияти миллиро халалдор созанд. Дар чунин вазъият миллати тоҷик дар маркази бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва муборизаҳои идеологӣ қарор дошт, вале тавонист бо иродаи миллӣ истиқлолияти худро ҳифз кунад. Талошҳои чандинсолаи роҳбарияти давлат, бахусус фаъолияти созанда ва дипломатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, боиси он гардид, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расад. Ин санад заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои пойдории сулҳу субот ва барқарорсозии ваҳдати миллӣ гардид

– **ошкор гардид:** Дар ҷараёни мураккаби расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, Эмомалӣ Раҳмон бо ҷасорат, иродаи қавӣ ва ватанпарастии беназир тавонист вазифаи таърихии худро ҳамчун роҳбари миллат иҷро намояд. Ӯ дар шароити хатарнок ҷони худро ба хавф гузошта, бо анҷом додани сафарҳои пурхатар ба минтақаҳои ҷангзада барои расидан ба сулҳ ва ваҳдат иқдом кард. Ин амалҳои далерона ва сиёсати созанда боиси барқарор шудани суботи сиёсӣ, амният ва ҳамдилии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Шуҷоати Пешвои миллат дар ин раванд ҳамчун намунаи олии роҳбарии стратегӣ ва мардумдӯстона ба ҳисоб меравад.

– **омухта шуданд:** масъалаҳои омӯзиши тақвияти мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Конститутсияи ҶТ, таҳлили механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ошкор ва тавзеи самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, омӯзиш фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, таҳлили фаъолияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳифзи сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар шароити рушди устувори давлатӣ-ҳуқуқӣ, омӯзиши сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини сулҳ дар хориҷи кишвар.

**– аз нав такмил додани** қонунгузорӣ пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни конститутсионии ҶТ, «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» мазмуни зерин ворид карда шаванд:

а) Дар банди 5 моддаи 4 «Ордени «Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон» оид ба таъмили сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шавад»;

б) Дар банди 2 моддаи 17 «Ҷавобгарӣ барои таҳқир ва пастзании шаъну эътибори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» ворид карда шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки мувофиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сохтори давлатдорӣ принсипи таҷзияи ҳокимият татбиқ ёфта, шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ таъсис дода шуданд. Ин амал оғозгари марҳилаи нави фаъолияти мақомоти давлатӣ гардид. Дар ҳамин замина, санадҳои қонунгузории конститутсионӣ таҳия ва қабул шуда, низоми сиёсие, ки бо Конститутсия барномарезӣ гардида буд, амалан татбиқ ёфт.

– **офарида шуд**: Агар мухолифини тоҷик дар он солҳо аз раванди сулҳ даст мекашиданд, ин маънои онро дошт, ки онҳо бо худи халқи тоҷик даргир буданд, на бо давлат.

«Конститутсияи нави Тоҷикистон дар он давра нақши муҳим бозид: он барои ҳамаи қувваҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ пояи давлатдории демократӣ ва ҳуқуқбунёд гузошт ва шароит фароҳам овард, ки ҷомеа муттаҳид гардад, ризоияти миллӣ таъмин шавад ва сулҳ дар кишвар барқарор гардад».

– **муаррифӣ карда шуд**: Конститутсия на танҳо асоси ҳуқуқии давлатдории миллӣ гардид, балки нақши дуҷониба бозид: аз як ҷониб ҳамчун санади созанда ва мусбат, ки пояҳои сохтори сиёсӣ ва давлатӣ ваҳдат бахшид ва аз ҷониби дигар, ҳамчун санади созиш миёни гурӯҳҳои иҷтимоиву сиёсӣ, ки ба ҳокимияти қонунӣ эътибори байналмилалӣ бахшид.

– **асоснок шудааст**, ки мактаби сулҳофаронаи сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълимгоҳест, ки дар марҳилаи бисёр мураккабу печида ташаккул ёфта, мавқеи созандагиву бунёдкорӣ касб намудааст. Ин мактаби сиёсию ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки ҳокимият ва муносибатҳои он аз ҷониби ин ниҳоди сиёсӣ бо риояи принсипҳои демократӣ амалӣ гашта, манфиати давлату миллат аз ҳама боло гузошта мешавад.

– **истифода шудаанд:** усули диалектикӣ – имкон дод фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи конститутсионӣ баррасӣ гардад; усули таърихӣ-ҳуқуқӣ – барои ошкор намудани хусусиятҳои фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат дар давраи ҷанги шаҳрвандии таҳмилшуда ба кор бурда шуд; таҳлили низомӣ –

барои муайян кардани нақши фаъолияти сулҳоварии Пешвои миллат дар татбиқи сиёсати хориҷии давлат;

– **муайян шудаанд:** ки мақоми Пешвои миллат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои унсурҳо ва самтҳои зерин мебошад: мустаҳкам намудани соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ; қабули Конститутсияи соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон; барқарор намудани сулҳу ваҳдати миллӣ дар мамлакат; ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ оид ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ; таъсиси Парлумони касбӣ ҳамчун ниҳоди олии қонунбарор; муайян намудани принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ.

– **истифода шуданд:** Конститутсияи ҶТ, қонунҳои соҳавӣ, консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ низ истифода шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 04 апрели соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 14 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 5 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**04 апрели соли 2026**